# ХУЛОСАИ
# ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-066-И НАЗДИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛИИ ДОКТОРИ ФАЛСАФА (phD) АЗ РУЙИ ИХТИСОСИ ПСИХОЛОГИЯ

**Парвандаи аттестатсионии №__**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз «27» февралии соли 2026, таҳти №31**

Барои сазовор донистани Ғуломзода Сабзали Эмомали, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори фалсафа phD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050305 – Психологияи иҷтимоӣ.

Диссертатсияи Ғуломзода Сабзали Эмомали дар мавзуи "Хусусиятҳои зоҳиршавии агрессия дар рафтори наврасон ва роҳҳои пешгирӣ кардани онҳо" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа phD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050305 – Психологияи иҷтимоӣ, санаи 25-ноябри соли 2025, суратмаҷлиси №22, аз ҷониби Шурои диссертатсионии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15.07.2024 с., №223) ба ҳимояи қабул карда шудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Довталаб Ғуломзода Сабзалӣ Эмомалӣ, соли таваллудаш 1995, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, соли 2018 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси "психолог" хатм намудааст. Солҳои 2018- 2020 зинаи магистратураи донишгоҳи мазкурро хатм намуда, аз соли 2020 то соли 2023 бошад ба ҳайси докторанти phD Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият намудааст. Дар давраи докторанти диссертатсияи номазадии худро дар мавзуи «**Хусусиятҳои зоҳиршавии агрессия дар рафтори наврасон ва роҳҳои пешгирӣ кардани онҳо"** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа phD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050305 – Психологияи иҷтимоӣ омода намудааст.

Шаҳодатнома оид ба супоридани маҷмуи имтиҳонҳо (транскрип) санаи 14- уми январи соли 2025, таҳти №02 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст. Диссертатсия дар кафедраи психологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст. Мавзуи диссертатсияи Ғуломзода С.Э. дар ҷаласаи кафедраи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 25-уми ноябри соли 2020, суратмаҷлиси №4 ва қарори Шурои олимони факултети фалсафаи

ДМТ аз 28-уми ноябри соли 2020, тахти №5 зери унвони «Зоҳиршавии хусусиятҳои гендерии депрессия дар занҳо (дар мисоли Тоҷикистон)» тасдиқ гардида буд. Соли 2022 бо назардошти шиносномаи ихтисосҳо, Низомномаю дастурамал ва шуроҳои амалкунандаи КОА-и назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон ивази мавзуъи муҳаққиқ сурат гирифт. Яъне, мавзуи рисолаи илмии докторанти PhD Ғуломзода Сабзали Эмомали дар ҷаласаи кафедраи психология аз 25-уми майи соли 2022, суратмаҷлиси №10 ва ҷаласаи Шурои олимони факултети фалсафа аз 25-уми майи соли 2022, суратмаҷлисӣ №13 бо номи «Хусусиятҳои зоҳиршавии агрессия дар рафтори наврасон ва роҳҳои пешгирӣ кардани онҳо» иваз ва тасдиқ карда шуд.

**Роҳбари илмӣ**:

**Раҷабзода Насим Мирзохудои** – номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи психологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:**

**- Назаров Акмал Мардонович** – доктори илмҳои психологӣ, профессори кафедраи Психологияи Донишгоҳи давлатии Бухоро

**- Зайтметов Хусайн Авасхонович**- доктори илмҳои психологӣ, дотсенти кафедраи психологияи иҷтимоӣ ва касбии Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”

**Муассисаи пешбар -** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби ташхисгар, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Ё.Тураев омода карда шуда ва дар семинари васеъи илмӣ-назариявии кафедраи психологияи Донишгоҳи давлатии омузгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бо роҳбарии раиси ҷаласа, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент С.М.Саидмирова имзо гардида ва аз ҷониби ректори ҳамин донишгоҳ, доктори илмҳои таърих, профессор А.И.Ибодуллозода, тасдиқ шудааст.

Дар тақризи худ қайд менамоянд, ки диссертатсияи Ғуломзода Сабзали Эмомали дар мавзуи “Хусусиятҳои зоҳиршавии агрессия дар рафтори наврасон ва роҳҳои пешгирӣ кардани онҳо” ба бандҳои 76-79-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, тахти №267 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Ғуломзода Сабзалӣ Эмомалӣ сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа phD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050305 – Психологияи иҷтимоӣ мебошад.

Дар интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда он чиз ба асос гирифта шудааст, ки аз рӯйи ихтисоси психология корҳои илмӣ-

тадқиқотии онҳо ба масъалаи таҳқиқшавандаи диссертатсияи Ғуломзода Сабзали Эмомали алоқамандӣ доранд.

Довталаб 5 маводи чопӣ дорад, ки аз инҳо 3-тоаш дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. Интишороти довталаб нуктаҳои асосӣ, натиҷа ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.

**Мақолаҳои чопшудаи муаллиф аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи бонуфузи аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда нашр шуданд:**

[1М]. Раҷабов Н.М., Ғуломзода С.Э. Заминаҳои зоҳиршавии агрессия дар давраи наврасӣ [Матн] / Н.М. Раҷабов, С.Э. Ғуломзода // Паёми пажӯҳишгоҳи рушди маориф. Бахши илмҳои педагогӣ-психологӣ. – Душанбе. – 2022, №1. (37). – С. 70-74

[2М]. Ғуломзода С.Э. Хусусиятҳои ҷинсӣ ва сабабҳои психологии бавуҷудоии рафтори агрессивии наврасон [Матн] / С.Э. Ғуломзода // Паёми пажуҳишгоҳи рушди маориф. Бахши илмҳои педагогӣ-психологӣ. – Душанбе – 2022, №2. (38). – С. 55-59

[3М]. Ғуломзода С.Э. Хусусиятҳои психологии зоҳиршавии агрессия дар наврасон [Матн] / С.Э. Ғуломзода // Паёми пажуҳишгоҳи рушди маориф. Бахши илмҳои педагогӣ-психологӣ. – Душанбе – 2022, №3. (39). – С. 100-103

Муаллифи рисола дар як қатор конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ иштирок ва маъруза намудааст. Аз ҷумла:

[1М]. Ғуломзода С.Э. “Тафовутҳои гендерӣ дар агрессия ва муносибати он бо экстраверсия ва невротизм дар хонандагонӣ синфи 9” [Матн] / С.Э. Ғуломзода // Маводи конфренсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мазуи “Актуальныые проблемы яыкознания и литературоведения в современном времени” (ш. Душанбе 23-24 декабри 2022). – Душанбе, 2022. – С. 380-383

[2М]. Ғуломзода С.Э. “Муайян кардани хусусиятҳои агрессивӣ дар байни хонандагонӣ синфи 9” [Матн] / С.Э. Ғуломзода // Маводи конфренсияи ҷумҳуривии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи “Таҳқиқоти педагогӣ: мушкилот ва дурнамои он дар замони муосир” (ш. Душанбе 31 марти 2023). – Душанбе, 2023. – С. 232-238

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ пешниҳод шудаанд:**

– доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон - **С.Ш.Носиров чунин эрод ба назар мерасад: баъзе ғалатҳои имлои ва техникӣ ва дар матн шарҳи масъалаҳо ба таври такрори ба назар мерасад;**

– доктор phD аз руйи ихтисоси психологӣ- **С.Т. Шаҳноза (эрод надорад, мусбӣ арзёбӣ шудааст);**

– номзади илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи педагогика ва методикаи таълимӣ Академияи таҳсилоти Тоҷикистон – **Ф.Гулмадов (эрод надорад, мусбӣ арзёбӣ шудааст.**

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар он қисме аз эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар таҳқиқоти диссертатсионии довталаб:**

- бори нахуст дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташхис, таҳлили психологӣ ва баҳодиҳии сабабҳо ва омилҳои иҷтимоию психологии рафтори агресивии наврасон анҷом дода шуд;
- моҳияти «рафторҳои агрессивии наврасон» ошкор ва хусусиятҳои хоси он дар ҷомеаи муосири тоҷик муайян карда шуд;
- омилҳои асосии зоҳиршавии агрессияи наврасон дар ҷомеаи муосири тоҷик муайян карда шуд;
- тасниф ва тафриқаи рафтори агресивии наврасон гузаронида шуда, сабабҳо ва хусусиятҳои зуҳуроти онҳо дар Тоҷикистон ва роҳҳои пешгирӣ намудани онҳо муайян карда шуданд;
- тарзу усулҳои назариявию амалии пешгирӣ намудани рафтори агрессивӣ дар байни ҷавонону наврасон коркард гардиданд;
- робитаи агрессия бо чунин хусусиятҳои психологӣ (экстроверсия, нейротизм, дурӯғгӯии, ва ростгӯйӣ) ошкор карда шуд;
- хусусиятҳои ҷинсии рафтори агрессивӣ аз лиҳози оморӣ асоснок карда шуд;
- робитаи аз лиҳози оморӣ муҳим миёни агрессия ва шакли муассисаи таълимӣ собит гардид.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот.** Аҳаммияти назариявии таҳқиқот аз он иборат аст, ки масъалаи муайян намудани хусусиятҳои зиршавии агрессия дар рафтори наврасон дар шароити муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон бори аввал мавриди омӯзиш ва таҳқиқи қарор мегирад. Ин имконият медиҳад, минбаъд омӯзгорон ва волидон доир ба рафторҳои агрессивӣ ва роҳҳои пешгири намудани онҳо дар наврасон тасавурот маълумоти муҳаххас бадаст оваранд.

Аҳамияти амалии таҳқиқотро бошад ҳангоми коркарди курсҳои таълимӣ ва навиштани дастуру китобҳои дарсӣ оид ба масъалаи мазкур, ҳангоми омода кардани лексияҳо ва курсҳои махсус доир ба масъалаи тадқиқот, дар вақти тадриси фанҳои психологӣ ва ғайра истифода кард.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 19.00.05 – Психологияи иҷтимоӣ, аз ҷумла: ба *банди* 2 – қонуниятҳои муошират ва баҳамтаъсиррасонии одамон; тарафи иртиботии муошират (хусусиятҳои хоси робитаҳои байни одамон; намудҳои иртибот; воситаҳо: иртиботи шифоҳӣ ва ғайришифоҳӣ; самаранокии раванди иртиботӣ; хусусиятҳои иртиботи оммавӣ); тавсифдиҳандаҳои иҷтимоӣ-психологии низоъҳои

иҷтимоӣ ва байнишахсӣ; *банди* 3 – Психологияи иҷтимоии гурӯҳҳо: гурӯҳ ҳамчун предмети таҳқиқоти психологияи иҷтимоӣ; таснифоти гурӯҳҳо; психологияи муносибатҳои байнигурӯҳӣ (механизмҳои идроки байнигурӯҳӣ; самаранокии фаворитизми дохилигурӯҳӣ ва табъизи байнигурӯҳӣ); *банди* 4 – Психологияи иҷтимоии шахс: хусусиятҳои раҳёфти иҷтимоӣ-психологӣ ба фаҳмиши шахс; таносуби шахс ва гурӯҳ дар психологияи иҷтимоӣ; Ман-консепсия ҳамчун натиҷаи рушди иҷтимоии шахс; ҳувияти иҷтимоӣ ва шахсиятӣ ва худмуайянкунии ҳаётӣ; раванди иҷтимоишавӣ дар шароитҳои тағйирёбии ҷаҳон; *банди* 5- Воситаҳои амалии психологияи иҷтимоӣ: соҳаи муносибатҳои оилавӣ ва тарбия; хусусиятҳои таҳқиқот ва корҳои амалии иҷтимоӣ-психологӣ дар шароитҳои тағйироти иҷтимоӣ мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии диссертанти дараҷаи илмӣ**. Саҳми шахсии диссертант аз он иборат аст, ки мақсад, вазифаҳо, объект ва масъалаи таҳқикотро муайян намуда, масъалаҳои мубрами таҳқиқотро матраҳ сохта, иттилооти ба даст овардаро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Таҳлили назариявию методологӣ, таҳқиқи амалӣ ва санҷидани фарзияи гузошташуда, коркарди пешниҳод ва хулосаҳо, ки муҳтавои диссертатсияро фаро мегирад, маҳз натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи диссертант маҳсуб мегарданд. Инчунин, хусусиятҳои зоҳиршавии агрессия дар рафтори наврасон ва роҳҳои пешгирӣ кардани онхо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон коркард ва пешниҳод карда мешаванд.

**Шурои диссертатсионӣ дар маҷлиси худ аз санаи 27-уми феврали соли 2026 қарори сазовор донистани** Ғуломзода Сабзали Эмомали, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (phD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050305 – Психологияи иҷтимоиро қабул кард.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 13- нафар иштирок доштанд, ки аз ин шумора 1-нафар ба таври маҷозӣ, аз ҷумла докторони илм __3__ нафар наздик ба ихтисоси диссертатсия. Аз **13-** нафар ҳайати шурои диссертатсионӣ овоз доданд: тарафдор __13__ нафар, муқобил - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Раиси шуро, доктори**
**илмҳои педагогӣ, профессор** **Н.М.Юнусова**

**Котиби Шурои диссертатсионӣ, номзади**
**илмҳои психологӣ, дотсент** **З.Р.Сафарзода**
**27.02.2026**